**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.___________**
**аз «_03_» ____06________ соли 2025**

**Нусха аз суратмаҷлиси №10**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 28.05.2025 с.

ш. Душанбе

**Раис:** д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К.
**Котиб:** ассистенти кафедра Ҳакимов Я.Б.

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Ш.К. Ғаюрзода, академик М.А. Маҳмудзода, профессорон Ш.Т. Тағойназаров, Қ.Ш. Қурбонов, И.Ғ. Ғаффорзода, Қурбонализода Н.Ш., дотсентон Ҳ.Н. Ҳиматов, Ф.А. Қосимов, Қ.Б. Қурбонов, Ҳ.М. Саидов, М.М. Соҳибзода, муаллимони калон Д.Г. Мирзомуродзода, ассистентон А.Ш. Айюбзода, Б.С. Шерзода, Ф.Ҷ. Нарзуллоев, С.С. Қодирзода, Я.Б. Ҳакимов, лаборантони кафедра А. Дилрабо, Ш. Ғуломализода, мудири кабинети таълимии кафедра Ш.У. Саидов.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. **Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент – Қурбонализода Н.Ш.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Айюбзода Азим Шокир баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дод. Аз ҷумла, унвонҷӯ ишора намуд, ки рисолаи илмӣ аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Аз нигоҳи таҳқиқбаранда, муҳиммият ва рӯзмаррагии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки манзили истиқоматӣ яке аз моликияти муҳимми шаҳрванд ва инсон ба ҳисоб рафта, ҳамзамон ҳуқуқ ба манзил дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Фурӯш ва хариди манзили истиқоматӣ низ ба сифати яке аз муҳимтарин тасмимоти молӣ ва иқтисодӣ дар зиндагии афрод мебошад,

ки ниёзманди дақиқи қонунҳо ва шартҳои шартнома мебошад Дар ин асно, шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ яке аз роиҷтарин василаи ба даст овардан ва бегона намудани манзили истиқоматӣ буда, танзими дурусту самараноки ин масъала дар қонунгузорӣ мавқеи арзишӣ дошта, баҳри таъмини ниёзҳои маишӣ, густариши бозору иқтисодиёт ва тарвиҷи назми ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст. Инчунин, ҷунбиши иқтисодии сол аз соли манзили истиқоматӣ, ба маротиб зиёд шудани аҳолии кишвар ва ниёзи бештар ба манзил аҳаммияти танзими дурусти шартноми хариду фурӯши манзили истиқоматиро зиёд намудааст.

Ба инобат гирифтани қонунгузорӣ ва шартҳои шартнома ҳангоми бастани шарномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ҳамчун як муомилаи ҳуқуқи маданӣ аз ду ҷиҳат муҳим арзёбӣ мешавад: 1) шарномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ созиши қонунӣ мебошад, ки ба сифати далели гузариши ҳуқуқи моликият истифода мешавад. Ба ибораи дигар, ин шартнома ба фурӯшанда имкон медиҳад, ки манзили истиқоматии худро ба харидор супорад ва харидорро ба сифати молики ҷадиди манзили истиқоматӣ муаррифӣ намояд; 2) шарномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ҷузъи муҳиме аз муомилаи манзили истиқоматӣ мебошад, ки дарбаргирандаи тамоми шартҳо ва ухдадориҳои тарафҳо мебошад. Дар зимн, бо бастани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ фурӯшанда ва харидор миқдори нарх, шеваи пардохт, муҳлати супоридани манзили истиқоматӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳоро мушаххас менамоянд.

Ҳамазамон, шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо нақши зарурӣ ифо намуда, таъминкунандаи амнияти моликият, ҳуқуқи қонунӣ, эътимоду боварӣ байни тарафҳо ва шафофияти муомила мебошад. Дар ин замина, шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки танзими махсуси ҳуқуқиро талаб менамояд. Бо ҳамин асос шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар ҳуқуқи маданӣ аз ҷойгоҳи бисёр муҳим бархурдор буда, мубрамияти мавзуро меафзояд.

Диссертант баҳри ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалӣ, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории ватанӣ дар самти шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ҷой доранд, як қатор мақсад ва вазифаҳоро барои худ муайян намудааст, ки онҳо матраҳи аъзои кафедра гардиданд.

Инчунин, пажуҳишгар доир ба нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар рисола манзур кардааст, маълумот дода, онҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намуд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён, аз ҷумла академик Маҳмудзода М.А., д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ва н.и.ҳ, дотсент Ҳиматов Ҳ. Н. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуданд, ки ба онҳо Айюбзода Азим Шокир посуххои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Нурулло Шамсулло баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Айюбзода Азим Шокир ибрози андеша

намуда, зикр намуд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. суханронӣ намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла академик Маҳмудзода М.А., профессор Тағойназаров Ш.Т., н.и.ҳ., дотсент Ҳиматов Ҳ.Н., н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М., н.и.ҳ., муаллими калон Мирзомуродзода Д.Г. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Айюбзода Азим Шокир муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 10 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Айюбзода Азим Шокир ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал изҳор намуд. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Дисертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 28 майи соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор: Ғаюрзода Ш.К.

**Котиби ҷаласа:** ассистенти кафедра: Ҳакимов Я.Б.

**Имзои Ш.К. Ғаюрзода ва Я.Б. Ҳакимовро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
«28» ___05___ соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj